# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи “Фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991–2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович, ки дар мавзуи “Фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991–2021)” навишта шудааст, яке аз мавзуъҳои мубрами фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии муосир ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқу омӯзиш ва таҳлилу баррасии хусусиятҳои экспозитсияи фаъолияти осорхонаҳо ва муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ бахшида шудааст.

Диссертатсияи номзадии мазкур бо назардошти вазифаю мақсадҳои пешгузошташуда аҳамияти возеҳи илмӣ дорад, зеро воқеан ҳам дар замони муосир нақши осорхонаҳо дар таҳқиқу омӯзиш, ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, таблиғу ташвиқи мероси таърихию фарҳангии ниёгон ва муаррифии таърихи фарҳанги хаклқи тоҷик назаррас мебошад. Аз ин хотир, аз тарафи муаллифи рисола ба доираи таҳқиқ фаро гирифтани фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон иқдоми шоиста арзёбӣ мешавад ва ба таҳқиқоти минбаъда дар ин замина роҳ ҳамвор мекунад. Таҳқиқи мавзӯъ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки натиҷаи он метавонад дар омӯзиши масъалаҳои илмии фарҳангшиносӣ, осорхонашиносӣ, таърихнигорӣ, санъатшиносӣ ба таври васеъ истифода шавад. Ҳамзамон рассомон, дизайнерон ва ходимони илмии осорхонаҳо метавонанд маводи мазкурро дар фаъолияти кории худ ҳамчун дастури соҳавӣ мавриди истифода қарор диҳанд, зеро ташкили экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ дар диссертатсия ба шакли возеҳ шарҳу тафсири худро ёфтаанд.

Диссертатсияи мавриди назар аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот, рӯйхати адабиёти илмӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замима иборат буда, муҳтавои асосии мавзуи таҳқиқшаванда аз ҷониби диссертант дар ҳар як фасл ба таври мантиқӣ пажуҳиш шудааст.

Дар номгӯи ихтисораҳо, муаллиф доир ба ҳар як ихтисора, ки дар дохили кор истифода шудааст, ба таври пурра шарҳ додааст.

Дар муқаддима муҳиммияту навгонии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа ва дигар нуктаҳои асосии дар диссертатсия баррасишуда таъкид шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Экспозитсия ва аҳаммияти он дар фаъолияти осорхонаҳо”** ном дошта, дар он муаллиф таваҷҷуҳи асосиро ба масъалаҳои умумии осорхонашиносӣ аз нуқтаи назари муҳаққиқон, экспозитсия шакли асосии илмӣ – намоишӣ ва тарғиботии осорхона, роҳҳои асосии ташкили экспозитсия ва ороиши бадеӣ ва истифодаи технологияи муосир дар осорхона равона намудааст. Ҳамчунин, муаллиф дар боби мазкур оид ба зарурати танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва рӯшноӣ дар осорхонаро мушаххас намуда, таҳлилҳои амиқи илмӣ ироа намудааст.

Боби дуюми диссертатсия ба **“Муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ”** бахшида шудааст, ки дар он масъалаҳои ташкили намоишҳои осорхонавӣ ва намудҳои он, экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон инъикосгари таърихи фарҳанги халқи тоҷик, баргузории намоишҳои дохилӣ, сайёр, байналмиалӣ ва маҷозиро (вертуалӣ) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Хулосаҳои таҳқиқоти Ҷалолов Б.Ф. ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо далелҳои мушаххас асоснок карда шудаанд.

Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович ҳоло дар Муассисаи давлатии “Осорхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мудири бахши бозсозии экспозитсионӣ ва дизайн фаъолият менамояд. Ин имкон додааст, ки диссертант дар навиштани рисола аз сарчашмаҳои таҳқиқ самаранок истифода бурда, ба натиҷаи самарабахш бирасад. Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсия дар семинару конференсияҳои ҷумҳуриявӣ (2015-2021) дар Муассисаи давлатии “Осорхонаи миллии Тоҷикистон”-и назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуъҳои зерин:

1. Аз таърихи ташкили толорҳои намоишии Осорхонаи миллӣ. (Душанбе, 2015).
2. Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон. (Душанбе, 2016).
3. Толорҳои нави экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон. (Душанбе, 2017).
4. Роҳҳои дуруст созмон додани намоишҳои осорхонавӣ. (Душанбе, 2018).
5. Аз ташкили осорхонаҳои навтаъсис дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Душанбе, 2019).

6. Баргузории намоишҳои илмӣ ва оммавии Осорхонаи миллии Тоҷикистон. (Душанбе, 2021) ба шакли маърӯзаҳои илмӣ ироа гардидаанд.

Ҳамчунин, натиҷаи таҳқиқи диссертатсия дар 10 мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА-и Возорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва дигар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, аз номгӯйи зерин иборат мебошанд:

1. Ҷалолов, Б. Мақсад ва роҳҳои асосии ташкили экспозитсия дар осорхона [Матн] / Б. Ҷалолов // Фарҳанг ва санъат. – № 4. – Душанбе, 2019. – С. 52-57.

2. Ҷалолов, Б. Экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва аҳамияти илмӣ-бадеии он дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик [Матн] / Б. Ҷалолов // Паёми донишкадаи забонҳо. – №3 (39). – Душанбе, 2020. – С. 145-149.

3. Ҷалолов, Б. Ташкили намоишҳои осорхонавӣ ва намудҳои он [Матн] / Б. Ҷалолов // Пайёмномаи фарҳанг. – №1(53). – Душанбе, 2021. – С. 56-65.

4. Ҷалолов, Б. Экспозитсия шакли асосии илмӣ-намоишӣ ва тарғиботии осорхона [Матн] / Б. Ҷалолов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – №2 (6). – Душанбе, 2021. – С. 148-151.

5. Ҷалолов, Б. Моҳияти ороиши бадеии экспозитсияи осорхона [Матн] / Б. Ҷалолов // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – № 4. – Душанбе, 2021. – С. 10-13.

6. Ҷалолов, Б. Ташкили намоишҳои муваққатӣ дар Осорхонаи миллӣ [Матн] / Б. Ҷалолов // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – № 4. – Душанбе, 2021. – С. 14-23.

7. Ҷалолов, Б. Инъикоси намоиши ҳунари мисгарии тоҷикон дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн] / Б. Ҷалолов // Маҷмуи мақолаҳои конфронси илмӣ дар мавзуи “Мисгарӣ – бозгӯи рамзҳо, эътиқод ва анъанаҳои мардумӣ”. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 47-55.

8. Ҷалолов, Б. Аз таърихи ташкили намоишҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2000 [Матн] / Б. Ҷалолов // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №1(6). – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 147-158.

9. Jalolov, B.F. Organization and holding of exhibitions at National Museum of Tajikistan in 2021 [Tekst] / Jalolov B.F. // Scientific Collection Interconf. – № 111. – Boston, USA, 2022. – С. 256-275.

10. Ҷалолов, Б. Ташкил ва баргузории намоишҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар соли 2021 [Матн] / Б. Ҷалолов, Ҷ. Мукамалова // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №2(7). – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – С. 136-146.

Муҳаққиқ дар фаъолияти эҷодию бадеӣ ва ороиши экспозитсионӣ – намоишии як қатор осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзандаю

бевосита гузоштааст, ки ин барои боз ҳам пурсамар гардидани кори диссертатсиониаш замима гузоштааст, аз он ҷумла:

- ҳаммуаллифии таҳияи ангоравии (эскиз) нақшаи экспозитсионӣ – намоишии ороиши бадеии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар соли 2012;

- роҳбари гуруҳи ороишӣ – бадеии экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2013;

- муаллифи дизайни ангоравии ороиши бадеӣ ва аъзои гуруҳи ороишӣ – бадеии экспозитсияи Осорхонаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2017;

- роҳбари гуруҳи ороишӣ – бадеии экспозитсияи осорхонаи Пешвои миллат дар Қасри фарҳанги ноҳияи Данғара, ба ҳайси Раиси савхози ба номи Ленини ноҳияи Данғара муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои 1987-1992, дар соли 2018;

- роҳбари гуруҳи ороишӣ – бадеии Осорхонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Литсейи касбӣ саноати кимиёи шаҳри Левакант дар соли 2021;

Диссертатсияи **“Фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991–2021)”** таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, муҳаққиқ ҳама вазифаҳои пажуҳишро ба пуррагӣ баррасӣ намудааст. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи унвонҷӯ муҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг сазовор аст.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**профессори кафедраи таърихи**
**фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии**
**факултети фалсафаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **М. Умедов**

Имзои М. Умедовро тасдиқ мекунам:
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Э.Ш. Тавқиев**

04. 09. 2023

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
**Тел:** 93-301-31-00
**E-mail:** komron-j@mail.ru